**Суратмаҷлиси №39**
ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-022
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 01 июли соли 2021 ш. Душанбе

Иштирок доранд:
аз 21 нафар аъзои
Шӯро 17 нафар

**Рӯзнома:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Шафоатов Азал Нусратович дар мавзӯи «Ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти варзиш дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22. – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австролиё (забони тоҷикӣ) (мушовири илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Хоҷаев Давлатбек) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Шафоатов Азал Нусратович ба Шӯрои диссертатсионӣ.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ Дӯстзода Ҳ.Ҷ. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Шафоатов Азал Нусратович – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро дар сомонаи www.tnu.tj ҷойгир намудааст.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Шафоатов Азал Нусратович дар мавзӯи «Ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти варзиш дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22. – Забонҳои

халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австролиё (забони тоҷикӣ) (мушовири илмӣ, доктори илми филология, профессор Хоҷаев Давлатбек) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- Сулаймонов Саидраҳмон – доктори илми филология, профессор, аъзои Шӯро, раиси комиссияи ташхис;
- Шарипова Фарангис Худоиевна – доктори илми филология, профессор, аъзои Шӯро, аъзои комиссияи ташхис.
- Гулназарзода Жило – доктори илми филология, аъзои Шӯро, аъзои комиссияи ташхис;

Қарор карда шуд: тарафдор 17 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филология, дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.